## ТАҚРИЗ

ба фишурдаи рисолаи диссертатсионии Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзӯи: **“Технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ

Дар раванди босуръати рушди илм ва техника талабот ба мутахассисони соҳибкасбу босалоҳият, донандагони соҳаи амалии худ хеле афзудааст. Равшан аст, ки заминаи илму дониш, бахусус донишҳои риёзӣ дар доираи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузошта мешавад ва заминаи мустаҳкам, майл ва шавқи хонандагон ба илмҳои риёзӣ тавассути усулу роҳҳои мухталиф роҳандозӣ мешавад. Аммо бояд қайд кард, ки зимоми раванди инкишоф ва такмил додани шавқу ҳаваси омӯзиш, идоракунии чунин шавқу ҳаваси хонандагон ва инчунин дарёфт кардани хонандагони болаёқат асосан дар дасти омӯзгорониояндаи математика қарор дорад.

Дар ҷомеаи муосир ниёз ба омӯзгорони навовар ва онҳое, ки ба усулҳои таълиму тарбия аз зовияи анъанавӣ фарққунанда назар мекунанд, дар фаъолияти кории худ технологияҳои ҷадиди таълимро истифода мекунанд, хеле зиёд аст.  Маҳз аз таваҷҷӯҳи омӯзгор ба лаёқату завқи хонандагон, муошират ҳамарӯзаи ӯ бо хонандагон раванди инкишофи завқи математикии онҳо вобаста аст. Аз омодагии мутобиқи омӯзгор ба талаботҳои муосир нисбати идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон сатҳи донишу малакаҳои математикӣ дар сатҳи аввал, инкишофи тафаккури риёзӣ на танҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои риёзӣ, балки рушд дар тамоми  соҳаҳои илм ва дар дурнамо - тарбияи насли дорои донишҳои мукаммали математикӣ ва босалоҳият, дорои тафаккури риёзӣ вобаста аст.

Мақсади таҳқиқоти мазкур ин асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии шароити дидактикии зарурӣ дар самти ташаккул додани омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар омӯзгорони

оянда мебошад, ки дар рафти он сохтор ва мундариҷаи фаъолияти омӯзгор оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар шароити муосир муайян карда шудааст, амсилаи омодагии мутахассис барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон асоснок гардидааст, роҳу воситаҳои самараноки ташаккули омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон муқаррар карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқот як қатор навгониҳо мушоҳида мешаванд, ки дар қатори онҳо меъёрҳо, нишондодҳо оиди сатҳи ташаккул ёфтани омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагонро қайд кардан зарур аст.

Дар бобҳои рисола асосҳои назариявии омодасозии омӯзгорона оянда баррасӣ гардида, дар доираи ин тавсифномаи раванди инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун низоми омӯзиш, ҷанбаҳои назариявии ташаккули омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, роҳҳои амалисозии онҳо дар ҷараёни омодасозии касбии омӯзгорони оянда ошкор гардиданд. Муаллиф қайд мекунад, ки ташкили фазои ҳамкорӣ дар таълими фанни математика бо мақсади ҳамкории омӯзгору хонандагон, хонандаю хонандагон ва хонандаю омӯзгор барои ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки ба мақсад ноил шудан дар самти ошкор кардани қобилияту завқи хонандагон хеле муфид аст. Дар таҳқиқот қайд мешавад, ки баҳри омодасозии донишҷӯён дар идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон омӯзиши консепсияҳои муосири инкишофи математикӣ аҳамияти калон доранд.

Инчунин дар рисола масъалаи технологияҳои омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон баррасӣ шуда, ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва технологии корҳои таҷрибавӣ шарҳ дода шуда, натиҷаҳои муқарраркунӣ, ташаккулӣ ва назоратии таҷрибаҳо бозгӯ ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар шакли ҷадвалҳои возеҳу равшан муфассалан таҳлил гардидааст.

Аз рӯи хулоса ва натиҷагириҳои муаллиф аён мегардад, ки рисолаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, таҳқиқоти комили ба талаботҳои рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ аст. Услуби тадқиқот комилан дар доираи илмӣ қарор дошта, бо озмоишҳои таҳлилии асоснок, намунаҳо ва мисолҳои возеҳ тақвият дода шудааст.

Дар маҷмӯъ гуфтан ҷоиз аст, ки диссертацияи Мусоева Бунафша Аламхоновна кори илмии баанҷомрасида мебошад ва тадқиқотгар барои гирифтани унвони илмӣ шоиста аст.

Тақриздиҳанда:

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии муассисаи давлатии таълимиии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Ҷ.А. Абдулакимова

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, телефон: 6-52-73, 6-47-39
факс: 6-75-18; e-mail: rector@hgu.tj

14 сентябри 2022 сол

Имзои Абдулакимова Ҷ А.-ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои МДТ
"ДДХ ба номи Б.Ғафуров" — Наврузов Э.М.